# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи **Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло** дар мавзуи **«Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов иҷро шудааст.

Фаъолияти эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров ба давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Мусиқишиносии имрӯзаи тоҷик ин давраро ҳанӯз фаро нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи фаъолияти эҷодӣ ва асарҳои ин композитор нахустин тадқиқоте композитори давраи навин маҳсуб меёбад. Интихоб ва мубрамии мавзуъ бо ин иқдом асоснок шудаанд. Композитор Шуҳрат Ашӯров фарогири жанрҳои мураккаби мусиқӣ-саҳнавӣ, мусиқӣ-камеравии созӣ ва овозӣ, мусиқӣ барои созҳои якка мебошад. Ва ҳар як асар саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан, инсондӯстӣ аст. Бинобар зарурати ҷамъ кардан, нотачинӣ намудан ва таҳқиқи онро диссертант Абдуллозода Эмомалӣ барои амалӣ кардани тадқиқоти худ зарур шуморид. Дар диссертатсия роҳи эҷодии композитор даврабандӣ карда шудааст ва ҳар як давраи онро муфассал таҳлил гардидааст. Асарҳои калонҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ ва осори вокалии композитор пурра ташлил карда шуданд.

Дар раванди кор Абдуллозода Эмомалӣ барои саҳеҳ гардонидани симои композитор ва саҳми ӯ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, дар таҷлили лексия-консертҳо ва якчанд барномаҳои телевизионӣ бахшида ба Шуҳрат Ашӯров фаъолона иштирок намудааст. Ӯ натиҷаҳои кори таҳқиқии худро ба ҷараёни таълими дарсҳои мусиқӣ-назариявӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ворид менамояд.

Диссертатсия пурра ба шиносномаи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мутобиқ аст.

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқоти Абдуллозода Эмомалӣ дар он дида мешаванд, ки осори парокандаи композитор Шуҳрат Ашӯровро ҷамъ оварда (1), асарҳои вокалии композиторро дар як маҷмуаи нотавӣ ба чоп омода сохта (2), доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров маводи мушаххас ба даст оварда (3), саҳми омӯзгории ин композиторро дар шикасти карахтии ҷойдошта, баъди воқеаҳои солҳои 90-ум, аён карда (4), ба нотачинӣ ва дар шаклҳои партитураву клавир омода кардани опереттаи «Кони пурганҷ», операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин», балети «Зол ва Рудоба» дар доираи лоиҳаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов мусоидат намуда (5), маводи таҳлилшударо дар ҷараёни омӯзгорӣ бевосита ворид карда (6), доир ба сабки эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров нахустин таҳқиқотро дар илми мусиқӣ ба амал овард (7).

Ин маводи илмӣ дар се боби кори диссертатсионӣ пайиҳам таҳлил гардидааст. Дар онҳо симои композитор Шуҳрат Ашӯров ҳамчун офарандаи асарҳои беҳтарини давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон пешниҳод шуда, композитори дорои касбияти воло, дониши комили табиати ҳар як жанри мусиқӣ, донандаи беҳамтои оркестри симфонӣ, васфкунандаи Ватан ва миллат, сулҳ ва ободӣ муаррифӣ мегардад. Шуҳрат Ашӯров яке аз композиторонест, ки ба маънои кулл оҳангофар аст. Чунин хусусиятҳои композиторро диссертант хеле равшан бо таҳлилот асоснок кардааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ диссертант 12 мақолаи илмӣ навиштааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инчунин, маҷмуаи нотавии «Шуҳрат Ашӯров. Асарҳои вокалӣ», ки 29 асари вокалии якка ва хориро дар бар мегирад, барои чоп омода кардааст.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадуллоро дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ

ҷавобгӯй ҳисобида, ҳамчун роҳбари илмӣ, онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов** **Азизӣ Ф.А.**

«12» ноябри соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, хонаи 13, хуҷраи 21.
Телефон: тел.: +(992) 918700621
E-mail: farog48aziz@mail.ru

**Имзои Азизӣ Фароғат Абдуқаххорзодаро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов **Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳимович**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155
Телефон: 227-07-20;
E-mail: tjconservator@mail.ru

«13» ноябри соли 2024